**Бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №________ аз ____________ соли 2013, тасдиқ карда шудааст.**

# Дастурамал оид ба тартиби банақшагирии гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Дастурамал оид ба тартиби банақшагирии гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Дастурамал) бо мақсади иҷрои талаботи моддаҳои 6, 21 ва 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва муқаррароти Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, принсипҳои умумӣ, қоидаҳо ва расмиёти банақшагирии гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд - Палатаи ҳисоб) муқаррар менамояд.

1.2. Вазифаҳои Дастурамали мазкур иборат аст, аз:

- муайян намудани ҳадафҳо, вазифаҳо ва принсипҳои банақшагирӣ;
- муқаррар намудани тартиби таҳия ва тасдиқи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб;
- муайян намудани талаботҳо нисбат ба шакл ва таркиби Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб;
- муқаррар намудани тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ва назорати иҷрои он.

## 2. Ҳадафҳо, вазифаҳо ва принсипҳои банақшагирии санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб

2.1. Палатаи ҳисоб фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бо дарназардошти зарурияти таъмини ҳамаҷонибаи назорати мунтазами ташаккул ва истифодаи воситаҳои давлатӣ ва дар доираи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд, ба роҳ мемонад.

Банақшагирии гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ (минбаъд - банақшагирӣ) бо мақсади ташкили босамари амалӣ намудани аудити мустақили беруна ва таъмини иҷрои вазифаҳои ба салоҳияти Палатаи ҳисоб дахлдор, ба амал оварда мешавад. Инчунин, банақшагирӣ бо мақсади ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ таҳия гардида, гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ-санҷишӣ ва ташхисиву таҳлилиро бо мураттабӣ ва муқоисаназарии муносибатҳо, ба роҳ мондани муносибатҳои ягонаро ҳангоми баҳо додан ба самарабахшии хароҷоти воситаҳои буҷетӣ ва сифатнокии кори мутахассисони Палатаи ҳисобро таъмин менамояд.

Банақшагирии гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ бо дарназардошти ҳамаи намудҳо ва самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, дархост ва муроҷиатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикситон ва дигар барномаҳои мақсадноки давлатӣ, амалӣ гардонида мешавад.

2.2. Банақшагирии гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ аз равиши мунтазамӣ мутобиқ ба принсипҳои зерин асос мегирад:

- банақшагирии пайдарпаӣ;
- банақшагирии маҷмӯӣ (фарогирии тамоми ваколатҳои муқарраршуда, шакл ва самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб);
- баробарии тақсими чорабиниҳои назоратӣ нисбати гирандагони асосии маблағҳои буҷети давлатӣ;
- дурустии тақсими захираҳои меҳнатӣ ва дигар захираҳо, ки барои таъмини иҷрои вазифаҳои Палатаи ҳисоб равона карда мешаванд;
- мунтазамии давраи гузаронидани санҷишҳо дар объектҳои назоратӣ;
- ҳамоҳангсозии нақшаи кории Палатаи ҳисоб бо нақшаи кории дигар мақомоти назоратӣ.

2.3. Банақшагирӣ бояд самарнокии истифодаи маблағҳои буҷетии ба Палатаи ҳисоб ҷудошаванда, захираҳои меҳнатӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва дигар захираҳо, инчунин комёбшавӣ ба нишондиҳандаҳоро, ки дар ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Палатаи ҳисоб ҳамчун субъекти банақшагирии буҷетӣ инъикос меёбанд, таъмин намояд.

## 3. Таҳия ва тасдиқи Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб

3.1. Дар Палатаи ҳисоб Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ, таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

3.2. Ба Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ҳамаи сохторҳо ва намудҳои фаъолияте, ки тибқи моддаи 5 Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар гардидааст, инчунин дигар чорабиниҳо оид ба таъмини фаъолияти Палатаи ҳисоб дохил мегардад. Нақшаи санҷишҳои аудиторӣ аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб тасдиқ карда мешавад.

3.3. Таҳияи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб татбиқи амалҳои зеринро дарбар мегирад:

- омода намудани пешниҳодҳо ба лоиҳаи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб;
- таҳияи лоиҳаи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб;
- мувофиқаи лоиҳаи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб;
- баррасии лоиҳа ва тасдиқи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб аз ҷониби Ҳайати мушовара.

3.4. Омода намудани пешниҳодҳо барои дохил намудан ба лоиҳаи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб вобаста ба чорабиниҳои алоҳидаи назоратӣ ва ташхисию таҳлилӣ, тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастури Палати ҳисоб амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми омода намудани пешниҳод ба лоиҳаи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб вобаста ба гузаронидани чорабиниҳои назоратии якҷоя бо иштироки дигар мақомоти назоратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бояд объектҳои чорабинии назоратӣ ва мӯҳлати гузаронидани онҳо мувофиқа карда шавад. Омода намудани пешниҳод ба лоиҳаи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб вобаста ба гузаронидани чорабиниҳои назоратии якҷоя, тибқи стандартҳои Палатаи ҳисоб, ки тартиби ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои назоратии якҷояро муайян менамоянд, амалӣ карда мешавад.

3.5. Пешниҳодҳо ба лоиҳаи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб аз ҷониби сараудиторҳои Палатаи ҳисоб ва шахсони масъули дастгоҳи Палатаи ҳисоб мутобиқ ба шакли нақша оид ба самтҳои алоҳидаи фаъолияти Палатаи ҳисоб омода карда мешаванд. Инчунин, Раиси Палатаи ҳисоб ва муовини Раиси Палатаи ҳисоб метавонанд ба лоиҳаи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб пешниҳод манзур намоянд.

3.6. Пешниҳодҳо барои дохил намудан ба лоиҳаи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб вобаста ба чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисию таҳлилӣ, бояд маълумотҳои зеринро дарбар гиранд:

- намуди чорабинӣ (назоратӣ, ташхисию таҳлилӣ ва ё дигар) ва номгӯи он;

- муҳлати гузаронидани чорабинӣ;
- шахсони масъул барои гузаронидани чорабинӣ;
- асос барои ворид намудани чорабинӣ ба нақша.

3.6.1. Номгӯи чорабиниҳои назоратӣ, ташхисию таҳлилӣ ва ё дигар чорабинӣ, бояд тасвияти дақиқу ҳаммаънои мавзӯи онро мутобиқ ба салоҳиятҳои Палата ҳисоб, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, дошта бошад.

3.6.2. Дар мавриди муайян кардани муҳлати гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисию таҳлилӣ) ба эътибор гирифтани муҳлатҳои гузаронидани марҳилаҳои он (омодагӣ, асосӣ ва ҷамъбастӣ) зарур аст.

Муҳлати гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ бевосита дар як объект набояд аз ***45*** рӯзи тақвимӣ зиёд бошад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ва мавҷуд будани сабабҳои асосшаванда, муҳлати гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ бо қарори Раиси Палатаи ҳисоб тамдид карда мешавад.

3.6.3. Барои гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисию таҳлилӣ), сараудиторони Палатаи ҳисоб масъул мебошанд.

3.6.4. Асос барои дохил намудани чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисию таҳлилӣ ба лоиҳаи нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб, шуда метавонанд:

- муроҷиатҳои Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дархостҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ;
- меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ваколатҳои Палатаи ҳисобро муайян менамоянд ва дар доираи иҷроиши онҳо гузаронидани чорабинӣ ба нақша гирифта мешавад;
- дастур, муроҷиат ва дархостҳо, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Палатаи ҳисоб ирсол мегарданд;
- қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.6.5. Ба ҳар як пешниҳод оид ба дохил намудани чорабинии назоратӣ (ташхисию таҳлилӣ) ба лоиҳаи нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб, шарҳи муносиби асоснокии интихоби мавзӯъ ва объекти чорабинии назоратӣ, инчунин нақшаи хароҷотҳои пешбинишаванда вобаста ба сафарҳои хизматӣ ва пардохти хизмати мутахассисони ҷалбшуда барои гузаронидани он, замима карда мешавад.

Талаботи мазкур ба чорабиниҳои зерин паҳн намегардад:

- чорабиниҳо дар доираи назорати пешакӣ, фаврӣ ва ниҳоии (минбаъдаи) ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ, ки ҳар сол гузаронида мешаванд;

- чорабиниҳое, ки дар асоси муроҷиатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дархостҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ гузаронида мешаванд;

- чорабиниҳое, ки мавзӯи онҳо таъмини иҷрои пешниҳодоти пештар ирсолнамудаи Палатаи ҳисоб мебошад.

3.6.6. Интихоби мавзӯи санҷиши аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисию таҳлилӣ) бояд бо меъёрҳои зерин асоснок карда шаванд:

- мувофиқати мавзӯи чорабинӣ ба вазифаҳои Палатаи ҳисоб, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст;

- муҳим будани мавзӯи чорабинӣ.

Ҳангоми банақшагирии гузаронидани санҷиши аудиторӣ аз рӯи меъёрҳои зикршуда, инчунин меъёрҳои зерин ба назар гирифта мешавад:

- мавҷудияти хавф дар соҳаи баррасишавандаи ташаккул ва ё истифодабарии воситаҳои буҷетӣ ва дар фаъолияти объекти чорабинӣ, ки метавонад бевосита ба натиҷаҳои манфӣ оварда расонад;

- ҳаҷми маблағҳои буҷетии аз ҷониби объекти чорабинии назоратӣ истифодашуда, ки бояд мавриди санҷиш қарор дода шавад;

- муҳлат ва натиҷаҳои чорабиниҳои назоратие, ки пештар дар ин соҳа ва ё дар объектҳои мазкур гузаронида шудаанд (муҳлати гузаронидани чорабинии пештара, ҳатман нишон дода мешавад).

Асоснoккунии пешниҳод оид ба дохил намудани чорабинии назоратӣ (ташхисию таҳлилӣ) ба лоиҳаи нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб, инчунин бояд маълумотҳоро оид ба хароҷоти зарурӣ вобаста ба сафарҳои хизматӣ ва пардохти хизмати мутахассисони ҷалбшуда, ки аз рӯи шумора ва муҳлати гузаронидани чорабинӣ ҳисоб карда мешавад, дошта бошад.

3.6.7. Интихоби объектҳои чорабинии назоратӣ (ташхисию таҳлилӣ) барои дохил намудан ба лоиҳаи нақшаи санҷишҳои аудиторӣ, бо дарназардошти дар давоми 2 сол бо чорабиниҳои назоратӣ фарогирии объектҳо, амалӣ карда мешавад.

Банақшагирии чорабиниҳои назоратӣ дар як объект, дар даврҳои гуногун дар давоми 1 соли тақвимӣ, роҳ дода намешавад.

Талаботи мазкур ба объектҳои чорабиниҳои назоратӣ, ки дар онҳо чорабиниҳо дар доираи назорати пешакӣ, фаврӣ ва ниҳоии (минбаъдаи) ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ ҳар сол гузаронида мешаванд, инчунин вазорату идораҳо ва мақомоти идоракунии ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ки тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ мебошанд, паҳн намегардад.

Инчунин, ҳангоми интихоби объектҳои чорабинии назоратӣ (ташхисию таҳлилӣ) барои дохил намудан ба лоиҳаи нақшаи санҷишҳои аудиторӣ, дохил намудани объектҳое, ки ба онҳо ваколатҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн намегардад, роҳ дода намешавад.

3.6.8. Ҳаҷми пешбинишавандаи хароҷоти маблағҳо барои сафарҳои хизматӣ, аз ҷумла, хароҷотҳо барои пардохти кирояи манзил, роҳкиро ва хароҷотҳои шабонарӯзӣ, инчунин пардохти хизмати мутахассисони тариқи шартномаҳо ҷалбшуда, дар асоси дархости сараудитори Палатаи ҳисоб, ки дар шакли замимаи 2-и дастурамали мазкур пешниҳод мегардад, аз ҷониби муҳосиботи Палатаи ҳисоб барои ҳамаи чорабиниҳои ба нақша гирифташуда ҳисоб ва муайян карда мешавад.

3.7. Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб бояд тарзе таҳия гардад, ки он бо дарназардошти муҳлати бештари гузаронидани ҳар як чорабинии назоратии аз ҷониби кормандони Палатаи ҳисоб гузаронидашаванда воқеъан иҷрошаванда бошад ва барои иҷрои сифатноки чорабиниҳо дар муҳлати муқарраршуда, шароит фароҳам орад.

Лоиҳаи Нақшаи гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб, бояд бо дарназардошти истифодаи пурраи ҳаҷми солонаи вақти хизматии ҳар як корманди Палатаи ҳисоб таҳия карда шавад.

3.8. Пешниҳодҳо барои дохил намудани чорабинии назоратӣ (ташхисию таҳлилӣ) ба лоиҳаи Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб, аз ҷониби сараудиторони Палатаи ҳисоб аз рӯи шакли лоиҳаи Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб омода карда шуда, ба унвони муовини Раиси Палатаи ҳисоб ҳар сол то 10 декабр фиристода мешаванд.

Пешниҳодҳо оид ба чорабиниҳое, ки аз ҷониби ду ва ё зиёда сараудиторони Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешаванд, пешакӣ байни онҳо мувофиқа карда мешавад. Сараудиторone, ки ташаббускори чунин чорабиниҳо мебошанд, пешниҳодро ба лоиҳаи Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб танҳо баъд аз гирифтани розигии дигар сараудиторone, ки иштирокашон дар гузаронидани ин чорабинӣ пешбинӣ мешавад, пешкаш менамоянд.

Пешниҳодҳои мувофиқанашуда баррасӣ карда намешаванд ва ба лоиҳаи Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб дохил карда намешаванд.

3.9. Муовини Раиси Палатаи ҳисоб пешниҳодҳои воридшударо оид ба дохил намудани чорабиниҳои назоратӣ (ташхисию таҳлилӣ) ба лоиҳаи Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб баррасӣ намуда, натиҷаи таҳлили анҷомдодаро бо сараудиторони Палатаи ҳисоб муҳокима менамояд. Аз рӯи натиҷаи муҳокима, сараудиторони Палатаи ҳисоб дар ҳолати зарурӣ пешниҳодҳоро оиди дохил намудани чорабинӣ ба лоиҳаи Нақшаи санҷишҳои аудиторӣ дақиқ намуда, онро то мӯҳлати 15 декабр такроран пешкаш менамоянд.

3.10. Муовини Раиси Палатаи ҳисоб лоиҳаи Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисобро барои баррасӣ ба Раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд, ки баъдан он аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб ба муҳокимаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

Ҳайати мушовара то охири соли қабл аз соли ба нақша гирифташаванда лоиҳаи Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисобро баррасӣ намуда, дар мавриди зарурат ба он тағйиру иловаҳо медарорад ва оид ба тасдиқи он на дертар аз 30 декабр (замимаҳои №3-8) қарор қабул мекунад.

Нақшаи тасдиқгардидаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ба аъзоёни Ҳайати мушовара барои иҷро фиристода мешавад.

## 4. Шакл ва таркиби Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб

4.1. Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб шакли ҷадвалӣ дорад, ки шакли намунавии он дар замимаи №1-и дастурамали мазкур оварда шудааст.

4.1.1. Дар банди «Номгӯи чорабинӣ», номгӯи чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисию таҳлилии ба нақша гирифташаванда инъикос меёбанд.

4.1.2. Дар банди «Муҳлати гузаронидани чорабинӣ», давраи нимсола нишон дода мешавад.

Дар ҳолате, ки агар муҳлати гузаронидани чорабинӣ аз доираи соли ба нақша гирифташаванда зиёд бошад, дар чунин ҳолат соли оғоз ва соли анҷоми чорабинӣ дарҷ карда мешавад.

4.1.3. Дар банди «Масъулини гузаронидани чорабинӣ», дар ҳолати банақшагирии гузаронидани чорабинӣ аз ҷониби як нафар аъзои Ҳайати мушовара ва ё дигар шахси мансабдори дастгоҳи Палатаи ҳисоб, ному насаби ӯ дарҷ карда мешавад.

Дар ҳолати банақшагирии гузаронидани чорабинӣ аз ҷониби ду ва ё зиёда аъзоёни Ҳайати мушовара, дар банди мазкур пайдарҳам ному насаби аъзои Ҳайати мушовара, ки барои гузаронидани чорабинӣ масъул мебошад ва ному насаби аъзоёни Ҳайати мушовара,

ки дар гузаронидани чорабинӣ иштирок менамоянд, нишон дода мешаванд.

Ҳамзамон, дар радифи ному насаби аъзои Ҳайати мушовара, ки ҷамъбасти маводҳоро оид ба чорабинии назоратӣ (ташхисию таҳлилӣ) амалӣ менамояд, аломати мувофиқ гузошта мешавад.

4.1.4. Дар банди «Асос барои дохил намудани чорабинӣ ба нақша», маълумотҳо мутобиқ ба банди 3.6.4.-и дастурамали мазкур, нишон дода мешаванд.

4.2. Бо қарори Ҳайти мушовара, мумкин аст таркиби Нақшаи санҷишҳои аудиторӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси ташкили фаъолияти назоратӣ ва ташхисию таҳлилии Палатаи ҳисоб, тағйир дода шавад.

**5. Тағйирот ба Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб**

5.1. Тағйирот ба Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб дар асоси қарори Ҳайати мушовара амалӣ карда мешавад.

5.2. Пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйирот ба Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб, ба баррасии Ҳайати мушовара дар ҳолати ворид гардидани муроҷиатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дархостҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва пешниҳоди асосноки як ва ё якчанд аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, пешкаш карда мешавад.

Инчунин, пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйирот ба Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб мумкин аст, дар ҳолатҳои зерин ба баррасии Ҳайати мушовара пешкаш карда шавад:

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар ҷараёни омодагӣ ва ё гузаронидани чорабинии назоратӣ (ташхисию таҳлилӣ) ошкор гардидани ҳолатҳои муҳим, ки тағйир додани номгӯй ва муҳлати гузаронидани чорабиниро талаб менамояд;
- азнавсозӣ, барҳамдиҳӣ ва ё тағйири шакли ташкилию ҳуқуқии объекти чорабинӣ;
- ҷалб кардани мутахассисони дар гузаронидани чорабинии нақшавӣ иштироккунанда ба дигар чорабинии иловагӣ, ки дар асоси муроҷиат ва дархостҳои мутобиқи қонунгузорӣ воридгардида ба Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб дохил карда шудаанд;
- ба вуҷуд омадани мушкилот дар сафарбар намудани ҳайати иҷрокунандагони бевоситаи чорабинӣ, вобаста ба тағйиротҳои сохторӣ-воҳидӣ, беморӣи давомнок, аз кор озод шудани кормандони Палатаи ҳисоб, ки бояд дар гузаронидани чорабинӣ иштирок

менамуданд ва имконнопазирии иваз кардани онҳо бо кормандони дигар.

5.3. Тағйирот ба Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб метавонанд дар намудҳои зерин амалӣ шаванд:

- тағйири номгӯи чорабинӣ;
- тағйири муҳлати гузаронидани чорабинӣ;
- тағйири ҳайати масъулини гузаронидани чорабинӣ;
- аз Нақша хориҷ намудани чорабинӣ;
- ба Нақша ворид намудани чорабиниҳои иловагӣ.

Шаклҳои намунавии лоиҳаҳои қарорҳои Ҳайати мушовара оид ба ворид намудани тағйирот ба Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб, дар замимаҳои №3-8 оварда шудаанд.

## 6. Назорати иҷрои Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб

6.1. Вазифаи асосии назорати иҷрои Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб, ин таъмини саривақтӣ, пурра ва сифатноки иҷроиши чорабиниҳои дар Накшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб дохил кардашуда, мебошад.

6.2. Назорати иҷрои Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисобро дар маҷмӯъ муовини Раиси Палатаи ҳисоб амалӣ менамояд.

Сардори Бахши таҳлил ва методологияи назорати молиявӣ ҳар семоҳа то санаи 10-и моҳи дигари баъди семоҳа, маълумоти ҷамъбастиро оид ба рафти иҷроиши Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ба Раис ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

6.3. Масъалаи иҷроиши Нақшаи солонаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб, аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб баррасӣ карда мешавад.

Ҷамъбаст ва таҳияи маводҳо оид ба иҷроиши Нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб барои ҷаласаи Ҳайати мушовара, аз ҷониби сардори Бахши таҳлил ва методологияи назорати молиявӣ амалӣ карда шуда, ба муовини Раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.